Дирӯз Рӯзи муҳофизатгарони Ватан буд

# Хизмат кори мардон аст

***Аз асрҳои дуродур боз мардон Ватанро аз душманон ҳимоя карда омада, такягоҳу ҳифозатгари боэътимоди халқ гардидаанд. Дар ин бобат маънои рамзие ниҳон аст, ки дар тамоми давру айём хизмат дар артишро кори мардон ҳисобидаанд. Ба ин дар яке аз қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Ҳарбии Ҳавоӣ шуда, бори дигар боварӣ ҳосил кардем.***

—Артиш ин мактаби ҳақиқии ҳаёт барои ҷавонон аст,— гуфт ҷонишини командири қисм оид ба корҳои тарбиявӣ лейтенант Бахтиёр Чориев.—Мактаби мазкур на танҳо маҳорати ҳарбии ҷанговронро дар бобати ҳифзи Ватан, таҳкими сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар мамлакат такмил медиҳад, балки барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқашон ҳам мусоидат мекунад.

Ман суханони ҳамсӯҳбати худ, афсари сиючорсоларо бо диққат мешунавам, ки барояш либоси ҳарбӣ хеле зебидааст. Вай аз Сурхондарё буда, аз рӯи тахассус муаррих-ҳуқуқшинос будааст. Донишгоҳи миллии Ӯзбекистонро хатм намуда, соли 1993 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда будааст. Аз ҳамон вақт дар хизмат.

Хизмат бошад, он қадар осон нест. Вақти корӣ аниқ муайян нагардидааст. Баъзе рӯзҳое мешавад, ки ҳини истироҳат ҳам даъват мекунанд. Бахтиёр ба он одат кардааст. Аз ҳама муҳимаш, аз касби интихобкардааш мамнун мебошад. Ҳаёти худро ба вазифаи фахрӣ-таъмини ҳифзи осоиш ва мӯътадилии мамлакат мебахшад.

Вақти сӯҳбат бо як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ маълум гардид, ки онҳо аз хизмат, алалхусус аз Бахтиёр Чориев то чӣ андоза мамнун ҳастанду баъзеяшон баъди адои вақти хизмати бамӯҳлат дар ин ҷо мондани ҳастанд. Ана суханони баъзеи онҳо:

**Ойбек Ниёзов—сержанти хурд (Бухоро):**

Ба санъати ҳарбӣ аз хурдӣ майлу шавқ дорам. Мактабро хатм намуда, ҳуҷҷатҳоямро ба омӯзишгоҳи олии ҳарбии танку командирони муҳандиси Чирчиқ супоридам. Вале аз имтиҳон гузашта натавонистам. Вале аз ниятам даст накашидаам. Аз хизмат беш аз як сол гузашт. Артиш маро ба камол расонд ва инро ҳангоми сӯҳбат бо дӯстдорам аз деҳот пай бурдам. Чунки вай гуфт, ки шумо чун мардони калон ҳарф мезанед ва фикр меронед.

**Муҳаммадҷон Нуруллоев, аскари қаторӣ (Сирдарё):**

—Ба хизмат омадани ман ҳам як солу ду моҳ шуд. Аз он мефахрам, ки маҳз ба ҳамин қисм омадаам. Мо обектҳои ҳарбӣ ва тайёраҳоро ҳифз мекунем. Хизмат дар сафи артиш ин кори осон нест, душвориҳои ба худ хосеро дорад. Аз ин ҷиҳат артиш шояд шавқовар бошад. Худро ҳамчун марди ҳақиқӣ ҳис мекунӣ, дар назди ҳимояи волидон, пайвандон, Ватан масъул буданатро пай мебарӣ. Лашкар шахсро тарбия мекардааст.

**Азизбек Рустамов (Бухоро):**

—Аз хурдӣ ба адабиёт шавқманд будам. Ва он дар айёми хизмат дар артиш ҳам даст медиҳад. Рӯзномаи деворӣ мо бидуни мақолаҳои ман чоп намегардад. Ман ҳам қарор додам, ки сарбоз шавам. Агар тақдир имконият диҳад, паёмнигори соҳаи ҳарбӣ шуданӣ ҳастам.

Сержанти хурд Беҳзод Элмуродов ҳам тахассуси корманди ҳарбиро пеша кардааст. Вай аз Самарқанд буда, фарзанди аз ҳама хурдии оила будааст. Ба фикри вай агар ӯ корманди ҳарбӣ гардад, ба волидон, пайвандонаш бештар фоида меовардааст. Ба туфайли хизмати аълодараҷа оилаи ӯ аз додани андози замин озод гардидааст.



Бахтиёр Чориев зикр намуд, ки хизматчиёни ҳарбие, ки хизматро аълодараҷа ба иҷро расондаанд, мувофиқи қарори Девони Вазирон як қатор имтиёзҳо мегиранд. Масалан, онҳо соҳиби роҳхати махсус ба муассисаҳои таълими олӣ ва ҳарбӣ мегарданд, ки ҳуқуқро оид ба даҳ фоиз гирифтани балли иловагӣ аз имтиҳон медиҳад.

Лейтенант баъди сӯҳбат бо сарбозон моро ба манзили истиқоматии онҳо даъват намуд. Тозаву озода. Ба он нигоҳ накарда, ки дар берун хунукии қаҳратун ҳукмрон аст, даруни бино гарм аст. Дар маркази он телевизори ранга гузошта шудааст. Тамоми шароит барои истироҳату хизмати ҳарбиён фароҳам омадааст.

Дар даромадгоҳи манзили истиқоматӣ чашми ман ба қуттие афтод. Онро «қуттии эътимод» мегуфтаанд. Аз нақли сарбозон маълум гардид, ки онҳо таклифу мулоҳизаҳои дилхоҳи худро тавассути мактуб баён карда, ба ана ҳамин қуттӣ мепартофтаанд. Командир дар бадали як ҳафта онро гирифта мутоила мекунад. Тамоми масъалаҳо ва муаммоҳо ҳаллу фасли худро меёбанд.

Дар болои курсии кории ҷонишини командири қисм Бахтиёр Чориев мо як даста мактубро дидем. Ҳоли ҳозир аз волидон ва пайвандони сарбозон омада будааст. Ва ин мактубҳо дар бобати дар савияи баланд гузаронданӣ корҳои тарбиявӣ бо сарбозон даст медиҳад. Чунки дар аксари мактубҳо талаб пеш гузошта мешавад, ки муносиби номи муҳофизатгарони Ватан бошанд.

Мо баробари берун шудан аз манзили истиқоматии сарбозон мусиқии форамро шунидем. Маълум гардид, ки барномаро худи сарбозон таҳия мекардаанд. Бо навгониҳо ошно сохта, бо зодрӯзашон муборакбод мекунанд, сурудҳои дӯстдоштаамро мешунавонанд.

Ҳаёт дар қисми ҳарбӣ чунин аст. Онҳо хизмат мекунанд, хушу хурсандӣ ва ғаму андӯҳашонро ба ҳам мебинанд. Дар тантанаҳо, зодрӯзҳо иштирок мекунанд, комёбиҳои ба дастомадаро якҷоя қайд мекунанд.

Мо мегӯем, ки лашкар ин такягоҳи боэътимоду пуриқтидори сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ мебошад. Ва аз ин рӯ он аз қадим вазифаи фахрӣ ҳисобида мешавад. Ва бо он мо бори дигар дар яке аз қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҳавоӣ шуда боварӣ ҳосил кардем.

**Неъмат ДУШАЕВ,**
**мухбири ЎзА.**



Аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии «Заводи пахтаи Учтеппа»-и ноҳияи Ҷиззах ҳосили қабулгардидаро пешопеш аз нав кор карда, ба мизоҷони худ аз Куриё, Швейтсария ва ғайра мефиристанд.

**Дар сурат:** сарвари шӯъбаи истеҳсолӣ **Абдураҳмон АБДУСАМАТОВ**, устои баст **Улуғбек Эшонкулов** дар сари кор.

**Аксбардор: Н.МУҲАММАДҶОНОВ.**

# Муаррифии Ӯзбекистон

Дар як қатор намояндагиҳои дипломатии ҷумҳуриятамон дар мамолики хориҷа тадбирҳо бахшида ба муаррифии минбаъдаи Ӯзбекистон дар байни аҳли васеи ҷамъият дар соли нави 2003 ба амал омаданд. Аз он ҷумла, дар Сафоратхонаи мамлакати мо дар Вашингтон чунин тадбир шуда гузашт, ки дар он намояндагони Қасри Сафед, Пентагон, Конгресс, доираҳои сиёсӣ ва соҳибкории мамлакати мазкур иштирок намуданд.

Дар тадбир ҷонишини Котиби давлатии ИМА оид ба масъалаҳои демократия, ҳуқуқҳои инсон ва меҳнат Лорн Крейнер суханронӣ карда, хеле муҳим будани ислоҳотеро, ки дар мамлакати мо ба рӯи об бароварда мешавад, роҳи интихобкардаи сохтани ҷамъияти демократӣ зикр кард.

—Мо саъю кӯшиши халқи Ӯзбекистонро пурра ҷонибдорӣ мекунем, ИМА аз рушди минбаъдаи равандҳои демократӣ дар Ӯзбекистон манфиатдор аст ва тайёр мебошад дар соҳаи мазкур дасти мадад дароз кунад,—изҳор намуд Крейнер.

Директори Пажӯҳишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Қафқози назди Донишгоҳи ба номи Ҷ.Хопкинс доктор Фред Старр ҷиҳатҳои нави муносибатҳои байни ИМА ва Ӯзбекистонро ба забон гирифт, ки баъди амалиётҳои террористӣ дар ИМА 11 сентябри соли 2001 ба амал омадаанд.

—Имрӯзҳо мо ба якдигар бемисл наздик гардидаем. Ва он имкониятҳои навро барои рушди муносибатҳои ҳамаҷониба на танҳо дар соҳаи амният, балки иқтисодиёт, соҳаи инсонпарварӣ ва дигар соҳаҳо фароҳам меоварад,—зикр намуд ӯ.

Воқеаи муҳим муаррифии Ӯзбекистон дар Деҳлӣ низ гардид, ки сафоратхонаи мамлакати мо дар Ҳиндустон созмон дод. Дар он намояндагони доираҳои дипломатӣ, расмӣ, соҳибкориву илмии Ҳиндустон иштирок намуданд. Дар рафти маросими муаррифӣ бисёр масъалаҳои муҳими муносибатҳои ӯзбекистониву ҳиндустонӣ, таърихи рушди муносибатҳои дӯстона байни халқҳоямон, вусъату таҳким бахшидани вазъи кунунии муносибатҳои байни Ҳиндустон ва Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Махсусан Сарвазири Ҳукумати иёлоти Харяна Ом Пракатш Чуатала суханони самимона баён карда, гуфт, ки ҳар як хабари хуш аз Ӯзбекистон ба вай хурсандӣ ва қаноатмандӣ мебахшад.

—Далели тез оммавӣ гардидани кураши ӯзбек дар ҳамаи иёлоти Ҳиндустон, аз он ҷумла дар иёлоти Харяна аз таҳким ёфтани муносибатҳои дӯстонаи байни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон гувоҳӣ медиҳад,—минҷумла зикр намуд О.П.Чаутала.

Дар маросимҳои муаррифсозӣ ба меҳмонон ва иштирокдорон барномаҳои фарҳангӣ таассуроти калон боқӣ гузошт. Зеро онҳо бо суруду рақс, оҳангҳои ӯзбекӣ аз наздик ошно гардиданд.

**ОИ «Ҷаҳон».**

Ба ҷои табрик

# Фидоии илм

Таърихро одамон эҷод мекунанд, он чи халқи Ӯзбекистон дар зарфи бештар аз ёздаҳ соли истиқлолият ба он комёб шудааст, бо саъю кӯшишҳои фарзандони вафодори Ватан ба даст омадаанд. Номзади илми фалсафа, соҳиби чандин мукофотҳо Убайдулло Бозоров аз ин ҷумла мебошад.

Олимро метавон ба зумраи олимони асили мактаби омезиши иқтисод, ҳуқуқ ва фалсафа, ки аз лиҳози моҳият ва табиатан ҷудонашавандаанд, мансуб донист. Ба масъалаҳои таҳқиқи ҳуқуқи хоҷагӣ ва меҳнатӣ шуғл варзида, ӯ ҳанӯз солҳои 70-ум оиди такмил додани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ як қатор пешниҳодотро ба миён гузошт. Тавсилҳои олим, ки аз лиҳози услуби асоснок шуда буданд, дар ҳуҷҷатҳои гуногуни меъёриву ҳуқуқӣ амалан мавриди истифода қарор гирифтанд ва чаҳорчӯбаи ҳуқуқии хоҷагидориро ба вуҷуд оварданд, дар шакли рисолаҳо рӯи чопро диданд.

Вале Убайдулло Бозоров, ки фалсафаро ниҳоят дӯст медошт, нобаҳангом равиши тадқиқотҳои худро тағйир дода, ба ин соҳа дахл намуд. Ин буд, ки ба Пажӯҳишгоҳи фалсафаи назди Фарҳангистони улуми собиқ Иттиҳод ба таҳсил рафт. Дар давоми таҳсил рисолаи номзадиро таҳия намуд ва соли 1955 таҳти унвони «Нигоҳҳои иҷтимоиву сиёсии Ҳ.Ниёзӣ» онро ҳимоя намуд. Баъд ба кафедраи фалсафаи Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ба кор таклиф гардид, дар ин ҷо бо фаъолияти омӯзгорӣ машғул гардид, ба навиштани китобҳои дарсӣ ба забони ӯзбекӣ шурӯъ намуд. Соҳиби мукофоти давлатии соҳаи илму фан гардид.

Баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон фаъолияти илмии Убайдулло Бозоров доманадор гардид ва тадқиқотҳои худро ба масъалаҳои шуури ҷамъиятӣ ва масъалаҳои маънавиёт бахшид. Рисолаи аввалини ӯ дар ин мавзӯъ таҳти унвони «Шуури ҷамъиятӣ ва фаъолияти амалӣ» рӯи чопро дид. Асари мазкур аз тарафи аҳли ҷамъият баҳои баланд гирифт. Соли 1993 соҳиби мукофот барои тарғиб кардан ғояҳои истиқлоли миллӣ гардид. Ба ҷуз ин дар озмуни рӯзномаи шаҳрии «Тошкент оқшомӣ», ки «Ӯзбекистон давлати оянддааш дурахшон аст» ном дошт, иштирок намуда, соҳиби мукофот гардид.

Баъди истиқлолияти кишвар Убайдулло Бозоров барои худ ин фикрро шиор карда гирифт:«Зарур аст, ки миллат аз чигунагии ҳастии худ бохабар бошад, хусусиятҳои худ, махсусиятҳои тафаккур ва такомули фикрӣ, инкишофи таърихи хешро ба хубӣ бидонад ваояндаи худро мувофиқи ана ҳамин ҳастии маънавии худ бисозад. Чунин худшиносии таърихиву маънавӣ танҳо ба комёбиҳои илм такя намояд. Барои он ки пояҳои худшиносии иҷтимоиву таърихӣ, фарҳангиву маънавӣ, аҳлоқӣ, фалсафиву динии халқи Ӯзбекистон бештар аз пештар устувор шавад, зарур аст, ки илм ба хизмати ҷомеа камар бандад».

Ва дар ин бобат ӯ саҳми аввалини худро гузошт. Доир ба таърихи ноҳияи Тошканди вилояти Тошканд китоберо иншо карда, дар нашриёти «Фан»-и ҷумҳурият чоп кунонд. Китоби мазкур дар озмунҳое, ки Осорхонаҳои таърихи темуриён ва кишваршиносӣ гузаронданд, ба ҷои аввал муносиб дониста шуд. Баробари ин оиди таҳияи рисолаи докторӣ тадқиқот пеш бурда, онро ба шуури ҷамъиятӣ ва масъалаҳои маънавиёт бахшидааст.

Убайдулло Бозоров баробари ин эҷодкор аст. Мақолаҳои сершуморро бахшида ба мавзӯи аҳлоқ, маънавият дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурият, аз он ҷумла «Овози тоҷик» пайваста чоп мекунад. Ӯ муаллифи силсилаи ҳикояҳо ва қиссаи «Зиёрат» мебошад.

Барои хизматҳои калонаш дар соҳаи илм ин фидоии соҳаи хеш мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо медали «Шӯҳрат» тақдир гардидааст.

—Ҳар як фарзанди инсон бояд ба он бикӯшад, ки соҳиби ҳусни гуфтор, ҳусни рафтор ва ҳусни пиндор бошад,— мегӯяд Убайдулло Бозоров, ки имрӯз зодрӯз дорад.— Ва ин хислатҳои ҳамида аз нахустандӯхтаҳои авастоист. Аҳлоқи ҳамида ва фазилату хирад танҳо насиби онҳое мегардидааст, ки омӯхтаву омӯзонда ва хӯшачини олами маонӣ будаанд.

Ва дар тӯли фаъолияти меҳнатӣ ва зиндагонии хеш Убайдулло Бозоров ҳаракат кард, ки ба гуфтаҳои болоияш қатъан риоя кунад, дили одамонро ёбад, танҳо ба онҳо некӣ кунад. Дар бобати соҳибобрӯ гаштани хеш хизматҳои ҳамсараш Лолахон Холиқоваро хеле калон меҳисобад. Чунки маҳз ба туфайли саъю кӯшиши пайвастаи ӯ чор фарзандро ба камол расонданд, ки алҳол дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ фаъолият пеш бурда, ба фахру ғурури волидон ва ҳамдеҳагону ҳамватанон мушарраф гардидааст.

Аз ҳама муҳимаш шиносу ношиносҳо мегӯянд, ки эҳтироми дӯст ва дӯстӣ дар ниҳоди ӯ на кам аз эҳсоси масъулияти кор ва оила аст. Дар адои қарзи дӯстӣ ва ҳисси эҳтиром ва моҳияти он ӯ ҳамеша дастболост. Касе агар бо Убайдуллоака дӯст бошад, инро ба зудӣ ҳис мекунад ва ҳеҷ намехоҳад, ки аз ӯ дил биканаду дурӣ биҷӯяд.

Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва маърифати баланди Убайдуллоамак Бозоров барои дӯстону ҳамкорон ҳамеша намунаи ибрат аст. Дар ин айёми ҳафтоду шашумин соли умр ба ин марди фидоии роҳи илм ва инсони комил қувваи наву рӯҳи тоза, эҷодкориҳои беандоза орзумандем.

**Т.ЭҲСОН.**

Соли маҳаллаи обод

# МАҲАЛЛА ВА ЭКОЛОГИЯ

***«Экосан дар маҳалла»—чунин ном дорад барномаи мақсадҳое, ки маросими муаррифии он дар маҷлиси фаъолони Бунёди байналхалқии экология ва тандурустии «Экосан» ба амал омад. Дар кори он сарварон ва намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ширкату фирмаҳои калонтарин—шарикони бунёд иштирок намуданд.Маҷлис таҳти сарпарастии раиси Бунёди «Экосан» Ю.Шодиметов гузашт.***

Соли маҳаллаи обод эълон гардидани соли кунун аз тарафи сарвари давлатамон нерӯи бузургро барои иҷрои барномаҳои доманадори иҷтимоие мебахшад, ки дар Ӯзбекистон ба рӯи об бароварда мешаванд. Дар маҷлис зикр ёфт, ки ҷамъият даъват гардидааст, ки саъю кӯшиши худро алоқаманди баланд бардоштани мақоми маҳалла, нақши он дар раванди демократиконӣ ва ба даст овардани рушди мақсадҳои устувор пурзӯр гардонад. Ба ҳамин муносибат Бунёди «Экосан» барномаи махсусро таҳия намудааст, ки вазифа аз он иборат аз таҳким бахшидани анъаноти беҳтарини миллӣ, муносибати эҳтиёткорона ба муҳити атроф, минбаъда боз ҳам обод гардондани маҳаллаҳо, расондани кӯмаки тиббиву профилактикӣ ба аҳолӣ, ҷонибдории моддии қисми аҳолии ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд ва обектҳои иҷтимоии маҳалҳои аз нигоҳи экологӣ номусоид мебошад.

Дар доираи барномаи мазкур амалӣ гардондани маҷмӯи тадбирҳо дар назар дошта шудааст. Якеи он гузарондани озмун-азназаргузарониии ҷумҳурии «Энг обод маҳалла» мебошад. Фаъолияти иштирокдорони он аз рӯи як қатор маҳакҳо, аз қабили оқилона истифода бурдани қитъаҳои замин, оби ошомиданӣ, энергияи барқ, гази табиӣ, кам кардани партовҳои маишӣ, вазъи санитарии ҳудуди маҳаллаҳо арзёбӣ карда мешавад. Дар маҳалли истиқомат дар рафти Рӯзи анъанавии экология ва тандурустӣ шанбегиҳои экологӣ гузаронда мешаванд. Вохӯрӣ ва конфронсҳо оид ба пурзӯр кардани нақши маҳалла дар тарбияи авлоди наврас, баланд бардоштани дараҷаи саводнокии экологиву ҳуқуқии аҳолӣ, ҳамчунин пурзӯр гардондани фаъолнокии иҷтимоии занон дар рафти иҷрои барномаи дарозмӯҳлати Бунёд «Занон ва экология» гузаронда мешаванд.

Фиристодани поездҳои «Саломатӣ» ба минтақаҳои аз нигоҳи экологӣ номусоид давом мекунад. Масалан, мувофиқи ин барнома дар вақтҳои наздик ҳамин қабил поезд ба Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон роҳ пеш мегирад. Тавассути он аввалин гурӯҳ насосҳои барқии арзишашон 35 ҳазор доллари ИМА фиристода мешавад, ки Ҳукумати Эрон ба минтақаи ҳавзаи Арал ҷудо намудааст. Гузоштани онҳо имконият медиҳад, ки таъминоти аҳолии деҳоти Қароқалпоқистон бо оби ошомиданӣ беҳтар гардад. Поезд ҳамчунин ба Қароқалпоқистон дорувор, воситаҳои безараргардонӣ, молҳои истеъмоли халқро мебарад.

Дар маҷлис зикр ёфт, ки дар Соли маҳаллаи обод Бунёди «Экосан» корҳоро оид ба ҷалб кардани диққату эътибори аҳли ҷамъияти ҷаҳон барои ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоиву экологии мамлакат, минҷумла ба минбаъда обод гардондани маҳаллаҳо, беҳдошти инфрасохтори иҷтимоии онҳо давом медиҳад. Намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурият, ки дар маҷлис иштирок намуданд, тайёр будани худро дар бобати ҷонибдории иҷрои барномаи «Экосан» дар маҳалла», пурзӯр кардани фаъолияти худ дар бобати расондани кӯмаки нишонидор ба аҳолии минтақаҳои аз нигоҳи экологӣ номусоид баён сохтанд.

**Анна ИВАНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## Думоҳагии ободгардонӣ

Баробари Соли маҳаллаи обод эълон гардидани соли кунун шаҳрвандони Андиҷон ташаббус зоҳир карда, думоҳагиро оид ба ободгардонӣ, сабзу хуррамгардонӣ ва беҳдошти вазъи санитарии маҳалли истиқомати худ эълон намуданд.

Ба фикри ташаббускорон, барои ба рӯи об баровардани ин ташаббус зарур аст таҷрибаи бисёрасринаи ниёгон эҳё ёбад, ки тадбиргарон, соҳибкорон ва одамони сарватманд-сокинони маҳаллаҳо як қисми маблағи худро ба сохтмони гузарҳо, объектҳои таъиноти хизматрасонӣ, бозорҳои на он қадар калон, растаҳои савдо, ҳамчунин бунёди бинои мактаб, беморхонаҳо ва пунктҳои тиббӣ сарф кардаанд. Ба ҷуз ин ташаббускорон андиҷониёнро даъват намуданд, ки дар ҳама ҷо ба эҳтиёҷмандон, оилаҳои камбисоату сербачча дасти мадад дароз кунанд ва куҳансолонро мудом ҷонибдорӣ созанд. Бо ҳамин ба фикри онҳо, ҳар як сокини маҳалла метавонад саҳми худро дар бобати иҷрои барномаи давлатие гузорад, ки дар Соли маҳаллаи обод қабул мегардад.

**(ЎзА).**

Дар ноҳияҳои вилояти Сурхондарё корхонаҳои нав ба нави саноатӣ ба истифода супурда, дар бобати бо шуғли доимӣ фаро гирондани одамон саҳми калон мегузоранд.



**Дар сурат:** бинои бахши тирмизии фабрикаи ресандагии Ҷаркӯрғон.

**Аксбардор: Т.МАҲКАМОВ.**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Тасдиқи буҷа

Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд дар Хуҷанд ба амал омада, раиси вилоят Қ.Қосимов дар хусуси фаъолияти ҳукумати вилоят дар соли 2002 ва вазифаҳои навбатии соли 2003 суханронӣ намуд. Дар он ҳамчунин ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Зокир Вазиров нутқ эрод намуд.

Вакилони халқ лоиҳаи буҷаи вилоятро барои соли 2003 муҳокима намуданд. Баъди даровардани тағйиротҳои ҷузъӣ он тасдиқ гардид.

## Маркази иттилоотиву таҳлилӣ

Дар шаҳри Исфара Маркази иттилоотиву таҳлилии «НАДЗ» ба кор шурӯъ намуд. Аз рӯи суханони таъсисгари он Отақул Ғаниев маълум мегардад, ки мақсаду вазифаҳои асосии марказ баланд бардоштани дараҷаи малакаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ ва касбиву техникии кормандони ташкилот ва корхонаҳо тавассути ВАО ноҳияи Исфара, ҳамчунин ҷонибдории рушди ҷамъияти шаҳрвандист. Дар вақтҳои наздик марказ тадқиқотҳоро барои ошкор сохтани муаммоҳо дар соҳаи мазкур ва ташкили марказҳои машваратӣ оғоз менамояд. «НАДЗ» бо ҳукумати шаҳр, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналхалқӣ ҳамкории зичро ба роҳ мондани нист.

## Нобоварӣ пурзӯр, аммо касе ҳақ доданӣ нест

Ба муносибати хунук гардидани обу ҳаво аҳолии ноҳияи Исфара тез-тез эътирози худро ба муқобили лимити энергияи барқ баён мекунад, ки Ҳукумати марказии ҷумҳурият муайян кардааст. Баъди ба анҷом расидани Моҳи муқаддаси Рамазон дар давоми шабонарӯз ҳамагӣ 5 соат— аз соати 6 то соати 8.00-и субҳ ва аз соати 18 то 21-и бегоҳӣ барқ медиҳанд. Вале аз рӯи суханони сарвари корхонаи истеъмоли энергияи барқи минтақаи Истаравшан Нарзулло Саидов маълум мегардад, ки муаммои аз ҳама умдаи имрӯзаи барқҳосилкунандагон ва кормандони ин соҳа—ин қарздорӣ мебошад. Корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳо ва аҳолӣ мунтазам талаб мекунанд, ки ҳаҷми додани энергияи барқ вусъат дода шавад. Вале бисёр вақт онҳо додани ҳақро дар ин бобат фаромӯш мекунанд. Корхонаҳои истифодабарии энергияи барқ дар 7 шаҳру ноҳияи вилоятии Суғд ба корхонаи шабакаҳои барқии Истаравшан тобеанд. Имрӯзҳо қарзи умумии корхонаву ташкилот ва аҳолии минтақаи мазкур беш аз 12 миллион сомониро ташкил медиҳад. Танҳо ноҳияи Зафаробод беш аз 5 миллион сомонӣ қарздор аст. Қарзи аҳолӣ бошад, беш аз 49 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Чуноне ки Нарзулло Саидов зикр намуд, масъалаи вусъат додани ҳаҷми лимити додани энергияи барқро дар назди ҳукумати марказӣ баробари пардохтани қарзҳои корхонаҳо, ташкилотҳо ва аҳолии минтақаи Истаравшан гузоштан мумкин аст.

## Овозаҳо тасдиқи худро меёбанд

Нишонаҳои табларза дар Кӯлоб ба назар мерасанд. Дар ин бора дар семинар таҳти унвони «Табларзаи тропикӣ. Пешгирӣ ва табобати он» сухан рафт, ки дар шаҳри мазкур ба амал омада, дар кори он вазири тандурустии ҷумҳурият Аламхон Аҳмедов иштирок намуд.

Бори аввал дар хусуси ба миён омадани нишонаҳои ин маризӣ дар Кӯлоб як моҳ муқаддам ҳарф зада шуда буд. Ҳамон вақт воситаҳои ахбори оммавӣ дар хусуси ба ин маризӣ дучор гардидани 30 кас ҳарф зада буданд. Вале мудири шӯъбаи тандурустии шаҳр А.Табаров овозаву дарвоза будани онро баён кард. Вале гузаронданӣ семинар дар ин мавзӯъ, дар он иштирок намудани шахсони мансабдор аз Вазорати тандурустӣ, мутахассисон ва пажӯҳишгоҳҳову марказҳои илмиву тадқиқотӣ на танҳо мавҷуд будани ин маризӣ, балки паҳн гардидани онро ҳам тасдиқ намуданд. Олимон зикр намуданд, ки чунин маризӣ дар Тоҷикистон пештар аҳён-аҳён ба назар мерасид. Вале алҳол миқдори маризиони олудаи вируси ин маризӣ пайваста меафзояд. Аз рӯи суханони сармутахассиси маризиҳои гузаранда, профессор Ҳ.Қамариддинов аз маркази мубориза ба муқобили маризиҳои тропикӣ вирусҳои маризии табларза ниҳоят хавфноканд. Агар мариз ба духтур муроҷиат накунад, оқибатҳои гарон меоварад.

## 80 килограмм моддаҳои нашъамандӣ

Кормандони оҷонсии оид ба мубориза ба муқобили муовизаи ғайриқонунии моддаҳои нашъамандии назди Президенти Ҷумҳурият дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давоми мӯҳлати сипаришудаи соли 2002-юм 80 килограмм моддаҳои нашъамандиро мусодира кардаанд. Дар ин бора корманди оҷонсӣ полковник Ҳайдар Муродов хабар дод. Нисбати 7 шаҳрванди Тоҷикистон ва як шаҳрванди Афғонистон парвандаи ҷиноятӣ кушода шуд. Аз он ҷумла, кормандони оҷонсӣ сокини шаҳри Кӯлоб Амир Халифаевро дастгир намуданд. Ҳангоми кофтукови манзили ӯ 700 грамм моддаи нашъамандии навъи «канабис» ёфт гардид. Ҳангоми ба рӯи об баровардани тадбирҳо якҷоя бо кормандони ситоди сарҳадбони ноҳияи Маскав аз анбори махфӣ 10 килограмм ҳероин ёфт гардид. Аз рӯи ин далелҳо парвандаҳои ҷиноӣ кушода шудаанд ва истинтоқ давом дорад.

**«Туркистон-пресс» — «Вароруд».**

